02 01 2019



**28 декабр Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва раиси шахри Душанбе Рустами Эмомалӣ аз Муассисаи давлатии тахсилоти умумии асосӣ - мактаб - интернати раками 1 барои кӯдакони ятими шахри Душанбе, ки аз таъмири асосӣ бароварда шудааст, боздид ба амал оварданд.**

Муассисаи таълимӣ барои 550 нафар тарбиятгиранда пешбинӣ гардида, айни хол дар он 305 нафар хонанда ба тахсил фаро гирифта шудааст. Аз шумораи умумии тарбиятгирандагон 33 нафар ятим, 10 бепарастор, 38 нафар бемодар ва 225 нафар бепадар буда, аз онхо 78 нафарро духтарон ташкил медиханд.

Дар ин чо 55 нафар омӯзгорону мураббиён бо маълумоти олии касбӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 41 нафарро занон ва 36 нафарро кормандони хочагӣ ташкил медиханд.

Барои таъмини синфхонахо бо гармӣ макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахри Душанбе шабакаи гармидихии мактабро пурра таъмир кардааст. Бахри фарохам овардани шароити муосири донишомӯзӣ рохбарияти шахри Душанбе ба хонандагон як автобуси нав, барои хамаи синфхонахо тахтаи электронӣ, компютерхои навтарин такдим намуд.

Муассиса бо 30 тахтаи электронӣ, 65 компютери корӣ, 11 ноутбук ва 76 камераи назоратӣ таъмин мебошад.

Бо таваччух ба рушди сохаи варзиш ва чалби чавонон ба он макомоти ичроияи хокимияти

давлатии шахри Душанбе ду майдончаи муосири варзиш бунёд кард.      Мактаб - интернати раками 1 барои кӯдакони ятим, ки яке аз калонтарин муассисаи таълимии чумхурӣ ба хисоб меравад, соли 1972 дар заминаи мактаб - интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор таъсис ёфтааст ва бо гузашти солхо шароити будубоши он ба талаботи рӯз чавобгӯ набуд.
Бо дастуру хидоятхои инсондӯстонаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар вохӯрӣ бо масъулону фаъолони шахри Душанбе 15 феврали соли 2017, сохибкори ватандӯст, директори Чамъияти дорои масъулияти махдуди “Сарманзил” Махмудчон Муродов икдом пеш гирифт, ки аз хисоби даромади софи корхонааш муассисаи таълимии мазкурро пурра аз таъмири асосӣ барорад.
Дар рафти корхои таъмиру азнавсозӣ бо маблаги зиёда аз 6 миллиону 800 хазор сомонӣ худуди муассиса дар масохати 700 метри мураббаъ мумфарш гардид. Ошхонаи наву замонавӣ бо 450 чойи нишаст аз таъмир баромад. Барои 500 нафар мизу курсихо оварданд ва толори бархавои мачлисгох бо 350 чой бо накшу нигори миллӣ ва гачкорӣ оро дода шуд.
Дар оянда сохибкори ватанӣ Махмудчон Муродов накша дорад, ки барои бошандагони мактаб - интернат хавзи шиноварӣ, барои омӯзгорон як хобгохи замонавӣ ва барои нигахдории хӯроккворӣ сардхона сохта ба истифода дихад.
Бинои таълимии муассисаи мазкур бо хамаи шароитхои зарурӣ таъмин буда, дар се ошёнаи он 22 синфхонаи фаннӣ, 19 кабинети корӣ, 18 хонаи хоб бо 330 кат, 2 хучраи бозии кӯдакон, 2 майдончаи варзиш 1 толори бархавои варзиш, 2 толори мачлисгох ва дигар инфрасохтори зарурӣ мучаххаз гардонда шудаанд. Дар ин чо тарбиятгирандагон имкон доранд, ки технологияи муосири компютерӣ ва забонхои хоричиро дар сатхи зарурӣ аз худ намуда, аз озмоишгоххои фанхои дакик ва толори фарханг ба таври васеъ истифода намоянд.
Баъди шиносоӣ бо корхои анчомёфта, Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба сохибкори ватанпарвар Махмудчон Муродов барои дастгирии сиёсати ичтимоии Хукумати кишвар, икдомхои башардӯстонаи Сарвари давлат ва анчоми корхои хайр изхори сипос карданд.
Пас аз боздид аз синфхонахо ва дигар шароити таълим ва зисти бошандагони мактаб - интернат дар толори зебову мунаккаш Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо хонандагон мулокоти самимӣ доир карда, оид ба таваччуху гамхории пайвастаи рохбарияти давлату Хукумати мамлакат нисбат ба табакаи эхтиёчманди ахолӣ андешаронӣ карданд.
Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба хар тарбиятгиранда тухфахо, аз кабили сарулибоси зимистона, ширинихо ва дигар лавозимоти хониш, такдим карданд.
Мавриди зикр аст, ки давоми солхои сохибистиклолии кишвар Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон солхои 2004, 2012 ва 2013 ба аёдати бошандагони мактаб - интернати раками 1 омада, бо шароити таълиму зисти онхо шинос шуда буданд.